Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

Масъалаи бо шуғл таъмин намудани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар ҷомеаи имрӯза, ки майли гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва технологӣ дорад, ба яке аз масъалаи муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст, зеро ҳангоми тайёр кардани мутахассисон талаботи соҳавии касбӣ барои хоҷагии халқ ва бозори меҳнат таносубу танзими муайян ба роҳ монда нашудааст. Илова ба ин, дар шароити тағйирёбии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ доираи шуғлҳои фаъолияти касбӣ афзуд ва тайёр кардани мутахассисони соҳавӣ ба талаботи бозори меҳнат ба қадри имкон назаррас набуда, раванди омодакунии мутахассисон бошад, ҳоло ҳам бештар дар доираи шуғлҳо ва касбҳои анъанавӣ сурат мегирад. Яъне низоми бо шуғл таъминкунӣ, ки ду талаботи асосӣ: талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои соҳибихтисос ва талаботи донишҷӯён ба хизматрасониҳои таълимию ҷойҳои корӣ дорад, ҳамоҳанг намебошанд.

Дар ин замина, миёни талаботи бозори меҳнат вобаста ба мутахассисони соҳаҳои муайяни фаъолият, сатҳи тахассусии онҳо ва раванди тайёр кардани кадрӣ, ки соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа ба онҳо эҳтиёҷ дорад, зиддият ва мушкилот ба миён меояд. Бинобар ин, гурӯҳе аз хатмкунандагон пас аз гирифтани тахассуси касбӣ бо фаъолияти меҳнатӣ таъмин нагардида, маҷбуранд ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои дигар раванд ё худ бархе аз мутахассисони ояндадор бо сабабҳои молиявӣ ва шароити номусоиди корӣ ба фаъолияти дигар мегузаранд, ки ин омилҳо дар оянда ба ҳалли самараноки масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлату ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои бо шуғл фаро гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва имкониятҳои ҳалли он дар соҳаи идории бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагон хусусияти мубрам гирифтааст.

Аксар вақт хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар дар шароити дигаргуншудаи инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҳарчанд соҳиби маълумот ва ихтисос мегарданд, вале қисме аз он онҳо дараҷаи тахассус ва касбияташон ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд. Имрӯз муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар шумораи зиёди мутахассисонро ба бозори меҳнат ворид мекунанд, ки бахше аз онҳо аз рӯйи ихтисоси гирифтаи худ ба шуғл фаро гирифта намешаванд, ба ибораи дигар раванди омодакунии кадрҳо аз рӯйи самтҳои гуногуни талаботи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ то дараҷае ба роҳ монда шуда бошад ҳам, аммо барои татбиқи касбияти онҳо дар баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар шароити мавҷудаи лозимӣ фароҳам нест. Аз ин рӯ, ҳалли босамари ин мушкилот танҳо бо дарёфти технологияҳои муносиби иҷтимоӣ ва бо роҳи ҷалби ниҳодҳои демократӣ бо муассисаҳои истеҳсолӣ ва корфармоён муваффақ шудан имконпазир аст.

Таҳлили адабиёти илмӣ гувоҳӣ медиҳад, ки равандҳои таҳсилоти касбӣ ва технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунӣ, айни замон дар миёни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, яке аз мушкилоти мубрам ва баҳсталаби доираҳои илмӣ маҳсуб ёфта, дар маркази диққати муҳаққиқони соҳаи илмҳои ҷомеашиносии ватанию хориҷӣ қарор дорад.

Диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи кор мубрамияти омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия барасӣ гардидааст.

Диссертант Гулов Раҳмонали Бобохонович дар боби аввал ва параграфҳои алоҳидаи он асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши масъалаи технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ҷанбаҳои назариявии омӯзиши технологияҳои бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар диссертатсия хусусиятҳои шуғл дар шароити марҳилаи гузариши ҷомеа, дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, нишон дода шудаанд. Ба андешаи диссертант бо шуғл таъмин кардани мутахассисони ҷавон яке аз марҳилаи муҳимми дастоварди касбӣ дар ҳаёти ҷавонон ба шумор рафта, нишондиҳандаҳои сифати тахассусӣ ва самаранокии фаъолияти кори онҳо дар ин самт ба шумор меравад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Р.Б. Гулов дар кори илмии худ зикр мекунад, ки "ҷавонон дар бозори меҳнат ҳамчун категорияи осебпазири шаҳрвандон ба шумор рафта, масъалаи танзим ва рафъи бекорӣ дар байни онҳо мушкилоти иҷтимоӣ маҳсуб мeёбад. Дар ин қисми диссертатсия, диссертант ба натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи олимони хориҷиву ватанӣ такя намуда, аз далелҳои илмӣ васеъ истифода бурдааст.

Муҳаққиқ дар боби дуюм вазъияти бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистони муосир, таҳлили вазъияти хатмкунадагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити бозори меҳнат, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бартараф намудани зуҳуроти бекорӣ дар миёни ҷавононро дар ҷомеа таҳқиқ намудааст.

Дар ин бахши диссертатсия Р.Б. Гулов квотакунонии ҷойҳои корӣ дар самти бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони имконияти маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбиро таҳқиқ кардааст. Чунки солҳои охир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ шумораи шахсони имконияти маҳдуддошта афзудааст, ки ин сабабҳои иҷтимоию демографии худро дорад. Тӯли бист соли охир шумораи шуғлмандӣ дар миёни маъюбон коҳиш ёфтааст, чунончи ин гурӯҳи аҳолӣ ҳуқуқи баробари дастрасӣ ба шуғлро дар қиёс бо шахсони солимро доро мебошанд. Ҳамчунин, кишварҳои хориҷӣ барои беҳбуд бахшидан ба масъалаҳои шуғлмандии ин гурӯҳи осебпазири ҷомеа чораҳои заруриро андешида, меъёрҳои байналмилалиро дар робита ба ҳуқуқи онҳо қабул намудаанд.

Дар диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи таҳқиқоти мазкур методҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, таҳлилӣ, мантиқию муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият ва равиши сохторӣ-функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон, ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия аз методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида, муқоиса, омор, пурсиши сотсиологӣ васеъ истифода шудааст.

Қисмати охири диссертатсияи Р.Б. Гулов ба масъалаи тарҳсозии системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бахшида шудааст. Диссертант дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии ба ин масъала бахшидашуда ва таҳқиқоти назариявии мавҷудаю дастрас барои пешгирӣ ва бартараф намудани мушкилоти шуғли ҷавонони ихтисосманд дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон як қатор тавсияҳои асоснокро пешниҳод менамояд. Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва параграфҳо таҳқиқшуда ба таври мухтасар инъикос гардидааст.

Гулов Р.Б. дар навиштани диссертатсия барои тақвияти идеяҳои худ аз адабиёти зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ, маводи интернетӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ истифода бурдааст. Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ иҷро шуда, дорои навгониҳо мебошад. Диссертант ҳангоми навиштани диссертатсия, донишҳои амиқи тахассусӣ, маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилнамоӣ, қобилияти баланди мустақилона гузаронидани таҳқиқоти илмиро нишон додааст. Натиҷа ва хулосаҳои бадастовардаи диссертант асоснок мебошанд ва диссертатсия кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи пешниҳод ва нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашуда асоснок буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ тасдиқ шудаанд ва аҳамияти илмӣ доранд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд. Мавзуъ, ихтисоси илмии интихобшуда, мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Гулов Раҳмонали

Бобохонович ба шиносномаи ихтисос мувофиқат менамояд ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи “Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои фалсафа,
сарходими илмии шуъбаи
сотсиологияи Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови АМИТ Қаҳҳоров Ғ.Ғ.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**Тел.:** (+992) 93-774-59-00

**Имзои д.и.ф., профессор Қаҳҳоров Ғ.Ғ-ро**
**тасдиқ менамоям:**
Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба
номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Шозедов Х.Н.

25.08.2023